**ПРОТОКОЛИ № 14**
**маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

ш. Душанбе 13 декабри соли 2010

**Раиси маҷлис:** Қурбонова Р.А. – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси КМҲ

**Иштирок доштанд:** 11 аъзо, бо сабабҳои урзнок 8 нафар аъзои КМҲ иштирок надоштанд (сафари хизматӣ ва ғайра)

**Даъватшудагон:**
Ҷобирова С.Б. – муовини аввали вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муинова М. - муовини раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Салебан Омар – менеҷери барномаҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларзаи БР СММ дар Тоҷикистон, Кевин Дин – муовини директори ЮСАИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қосимова Д. – мутахассиси ЮСАИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дарғабекова Ҳ. – намояндаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аптекарь Т. – менеҷери лоиҳаи ХОУП дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдулҳақов Б.А. - муовини сардори раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳобова С. – агенти маҳаллии Хазинаи Глобалӣ, Шехов А.Ҷ. – директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сили Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рузиев М.М.- директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Каримов С.С. – директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемориҳои тропикии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Баҳоваддинов Б.Б. – директори Маркази ҷумҳуриявии илмии хуни Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бекназаров М.Б. – котиби КМҲ

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Дар бораи рафти иҷрои грантҳои Хазинаи Глобалии мубориза бар зидди СПИД, сил ва табларза ва фаъолияти шарикони асосии онҳо (Суб-ресипиентҳо) аз ҷониби Барномаи рушди СММ, ҳамчун гирандаи асосии грантҳои Хазинаи Глобалӣ (Ахбори Салебан Омар - менеҷери барномаҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларзаи БР СММ ва Мирзоев А.С. – муовини вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои КМҲ)

2. Дар бораи рафти иҷрои қарори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ\СПИД, сил ва табларза аз 03 сентябри соли 2009, №11 «Дар бораи рафти иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2002, №524 «Дар бораи Барномаи мубориза бо бемории сил барои солҳои 2003-2010» дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Восеи вилояти Хатлон ва аз 3 июни соли 2006, №250 «Оиди беҳтар намудани вазъи санитарию эпидемиологӣ ва иҷтимоии хоҷагиҳои “Сино” ва “Хоҷа Сартез”»-и ноҳияи Восеи вилояти Хатлон» (Ахбори Шехов А.Ҷ. – директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сили Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси КМҲ Қурбонова Р.А. бо сухани ифтитоҳӣ маҷлисро оғоз намуда, аҳли маҷлисро бо рӯзномаи маҷлис шинос намуд.

Доир ба масъалаи якуми рӯзнома ахбороти Салебан Омар - менеҷери барномаҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларзаи БР СММ ва Мирзоев А.С. – муовини вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои КМҲ шунида шуд. Аз ҷумла қайд гардид, ки новобаста аз иҷро гардидани нишондодҳое, ки дар грантҳои Хазинаи Глобалии мубориза бар зидди СПИД, сил ва табларза пешбинӣ шудаанд, баъзе ӯҳдадориҳо дар мӯҳлатҳои муайяншуда таъмин намегарданд. Қобили қайд аст, ки БР СММ ҳамчун гирандаи асосии грантҳои Хазинаи Глобалӣ на ҳама вақт ба мӯҳлатҳои муайянгардида хариди маводҳои лозимаро, (маводҳо барои ташхис), таъмир ва васлнамудани таҷҳизотҳоро ба пуррагӣ таъмин накарда истодааст. Бо назардошти таъмин набудани маҳбасхонаҳо бо мутахассисони силшинос бемории сил саривақт муайян нагардида, афзудани шумораи он дар байни маҳбусон ба назар мерасад.

Баромад карданд. Ҷамолов П., Абдулҳаков Б.А., Азизмамадов М., Кевин Дин, Қосимова Д. ва Бекназаров М.Б.

Қурбонова Р.А. доир ба рафти иҷрои грантҳои Хазинаи Глобалӣ изҳори ақида намуда, зикр намуданд, ки маблағҳои ба ин мақсад ҷудогардида бояд сарфакорона истифода бурда шаванд. Масъалаи бо мутахассисони силшинос таъмин намуданро бояд омӯхт. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тансиҳатии мардум саъю кӯшишҳои зиёде карда истодааст ва ба ин нигоҳ накарда дар масъалаи пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемории сил ва ВИЧ/СПИД проблемаҳои ҳалталаб мавҷуданд. Аз ин лиҳоз, директорони марказҳо баҳри татбиқи Барномаҳои миллӣ корро боз ҳам пурзӯр намоянд.

Ҳамчунин, Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳои дахлдор ба мардум ба таври содда роҳҳои пешгирии бемориро фаҳмонанд.

Нисбати масъали дуюми рӯзнома ахбороти директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сили Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шехов А.Ҷ. шунида шуд. Зикр гардид, ки соли ҷорӣ дар хоҷагиҳои "Сино" ва "Хоҷа Сартез" 36 корманди соҳаи тиб ва волонтёрҳо оид ба гузаронидани ташхиси бемории сил ва табобати он омӯзонида шуданд. Баҳри беҳтар намудани хизмати тиббӣ дар байни аҳолии деҳаи Пахтакори ноҳияи Восеъ мошинаи ёрии таъҷилӣ ҷудо карда шуд. Беморони сил ва аъзои оилаи онҳо аз ҳисоби маблағҳои гранти Хазинаи Глобалӣ бо маводҳои хӯрока ва дорувории махсуси зиддисилӣ таъмин карда шудаанд.

Баромад карданд: Қурбонова Р.А., Маҳмадова Т.Ф., Кевин Дин., Ҷамолов П., Мирзоев А.С., Бекназаров М.Б. ва Абдулҳақов Б.А.

Маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза қ а р о р  к а р д:

1. Ахборот дар бораи рафти иҷрои грантҳои Хазинаи глобалии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД, сил ва табларза аз ҷониби Барномаи рушди СММ, ҳамчун гирандаи асосии грантҳои Хазинаи Глобалӣ ва шарикони асосии онҳо (Суб-ресипиентҳо) ба маълумот гирифта шавад.

2. Ба Барномаи рушди СММ, ҳамчун гирандаи асосии грантҳои Хазинаи Глобалӣ пешниҳод карда шавад, ки оид ба саривақт истифода бурдани маблағҳои грант ва хариди маводҳои лозима чораҳои лозимӣ андешида шаванд.

3. Ахборот дар бораи рафти иҷрои қарори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ\СПИД, сил ва табларза аз 3 сентября соли 2009 «Дар бораи рафти иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2002 № 524 «Дар бораи Барномаи мубориза бо бемории сил барои солҳои 2003-2010» дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Восеи вилояти Хатлон ва аз 3 июни соли 2006 №250 «Оиди беҳтар намудани вазъи санитарию эпидемиологӣ ва иҷтимоии хоҷагиҳои "Сино" ва "Хоҷа Сартез"»-и ноҳияи Восеи вилояти Хатлон» ба инобат гирифта шавад.

4. Ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гирандагони асосии грантҳои Хазинаи Глобалӣ (Барномаи рушди СММ, лоиҳаи ХОУП) пешниҳод карда мешавад, ки оид ба пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемории сил дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Восеи вилояти Хатлон таҳлили ҳамаҷониба гузаронида, дар сурати зарурӣ натиҷаҳои арзёбиро барои баррасӣ ба КМҲ манзур намоянд;

5. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии мактаббачагон, ҷавонон ва аҳолии ноҳия чорабиниҳои лозимаро оид ба масъалаҳои пешгирии бемории сил ва ВИЧ/СПИД пурзӯр намоянд.

6. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини мутахассисони силшиносро дар муассисаҳои ислоҳӣ дида бароянд.

Раиси КМҲ Р.А.Қурбонова

Котиби КМҲ М.Б.Бекназаров